# ВАҚТЕ РӮЙИ СИЁҲРО БО ХУНИ НОҲАҚ ШУСТАНӢ МЕШАВАНД...

**“Маҳбусон ба талаботи қонунии маъмурияти муассиса итоат накарда, бо истифода аз кордҳои худсохти оҳанини нӯгтез ва халанда, аъмоли ҷинояткоронаи худро бидуни даъвою шартгузорӣ давом доданд ва талош карданд, ки сарбозони ҳифозатии муассисаро ба қатл расонида, фирор намоянд”.**

Ин иқтибос бахше аз шарҳи расмии мақомоти масъули Тоҷикистон оид ба ҳодиса дар Муассисаи ислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Тоҷикистон аст, ки рӯзи 3 феврали соли 2025 рӯй додааст.

Гап сари исёни чанде аз аъзои маҳкумшудаи Ташкилоти террористии ДИИШ (“Давлати исломӣ”) аст, ки нақшаи фирор аз зиндонро доштаанд.

Тавре аз шарҳи мақомот бармеояд, онҳо барои ин амали нангини худ аз қабл омода шуда, бо асбобҳои худсохти халандаю бурранда мусаллаҳ шудаанд. Дар натиҷаи ҳамлаи ҷинояткорон 3 корманди муассиса, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматии хеш машғул буданд, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштаанд. Муҳофизон тибқи қонун ва дастурамали хизматӣ амал

намуда, маҷбур гаштаанд, ки дар муқобили ҷинояткорон аз силоҳи оташфишон истифода баранд. Дар натиҷа 3 ҷинояткор безарар ва боқимондаи онҳо дастгир карда шудаанд.

Азбаски шарҳу таҳлили ин ҳодиса дар ваколату салоҳияти мо нест, аз ҳар гуна хулосабарории пешакӣ худдорӣ мекунем. Ҳодисаро мақомоти масъули ҳифзи ҳуқуқ таҳқиқ доранд ва дер ё зуд мушаххас мекунанд, ки ин ҳодиса чаро рӯй дод. Аммо он чӣ, ки дарвоқеъ, ҷойи нигаронӣ дорад, иттилоъи дурӯғ ва роҳгумзанандаи неруҳои манфиатдор аз хориҷи кишвар аст. Гуруҳҳои манфиатдор, ки таври маълум, оромиву суботи Тоҷикистон ба чашмашон чун хор мехалад, аз рӯйи масали "мурдаи сагон - тӯйи зоғон" амал карданд, маъракаи иттилоотиро тавре ба роҳ монда, дар камтар аз як рӯзи баъди ин ҳодиса он қадар дурӯғу тавтеа навиштаву нашр карданд, ки гӯё дар дунё ҳеч гапу хабари дигар набошад.

Маъмулан, ин гуруҳҳо дар чунин ҳолатҳо афкори ҷомеаро ба самти дигар бурданӣ шуда, шабакаҳои иҷтимоиву сомонаҳоро ба маълумоти тасдиқнашуда ва дурӯғ пур мекунанд, ки низ бо ҳадафҳои муайян аст. Агар саҳифаҳои ин хабарнависону ба ном шореҳонро мушоҳида кунем, аксаран дастпарварони мактаби ифротии Ташкилоти террористӣ-экстремистии ҳизби

наҳзати ислом, “Гуруҳи 24” ва дигар созмонҳои ифротгаро ҳастанд. Яъне, он чӣ ки дар пайи ин ҳодиса мегӯянду менависанд, аз дидгоҳи ифротгароёнаи худи онҳост. Бинобар ин, дидаву дониста, воқеиятро пинҳон мекунанд ва ба хонандаҳои худ маълумоти таҳрифшударо пешниҳод месозанд. Зеро дар тинати онҳост, ки мағзи ҷомеаро бо маълумоти дурӯғ ва тафтеа пур кунанд.

Аммо агар воқеияти ҳолро сирф аз дидгоҳи инсони огоҳ баррасӣ кардани шавем, ҳеч ҷойи шубҳа нест, ки ин ҳарду гуруҳи даргири ин ҳодиса – ҳам исёнгарони диишӣ ва ҳам муҳофизони муассиса, аз рӯйи манфиатҳои мушаххас амал кардаанд. Гуруҳи аввал – исёнгарони диишӣ, ки барои ҷурмҳои махсусан вазнин – терроризму ифротгароӣ, иштирок дар амалиёти ҷангии кишварҳои дигар маҳкум шудаанд, мехостанд ба озодӣ роҳ ёбанд ва дигарбора ба қатлу куштор даст зананд. Агар чунин намебуд, аз ҳамин маҳкум шуданашон дарси ибрат мегирифтанд. Аммо аз ин ки мағзашон кайҳо олудаи заҳри терроризму ифротгароӣ шудааст, аз роҳи пинҳонкорӣ мусаллаҳ шудаву оқибат худро ба нобудӣ доданд. Ҳоло фарқ намекунад, ки 3 нафар кушта шуданд, ё 9 нафар.

Гуруҳи дуввум – муҳофизони муассиса, ки аз оромиву субот манфиатдоранд ва вазифаи

хизматияшон ҳам маҳз ҳамин аст, ки тартибу низомро барқарор кунанд, тибқи дастури хизматӣ амал намуданд. Онҳо ҷони ҷавони худро фикр накардаву пешорӯи нерӯи бадӣ истифоданд, то оромиву субот халалдор нагардад.

Яъне, ин ҳодиса наметавонист ба шакли дигар анҷом ёбад, он тавре ки аъзову ҷонибдорони Ташкилоти террористӣ-экстремистии ҳизби наҳзати ислом, "Гуруҳи 24" ва дигар созмонҳои ифротгаро мехоҳанд. Ҳеч мумкин нест, ки як гуруҳ аз афроде, ки бо ҷурми терроризму ифротгароӣ маҳкум шудаанд, аз роҳи зӯроварӣ ва исёнкорӣ ба озодӣ баромадаву дигарбора ба сафи гуруҳҳои террористиву экстремистӣ пайванданд. Хатари бузургтар аз ин наметавонад бошад. Ин дар зеҳни наҳзатиён аст, ки набояд барои чунин аъмол посух гӯянд. Аммо воқеият ин аст, ки ҳар кӣ ба муқобили манфиатҳои давлату миллат меравад, амнияту суботро баҳам мезанад ва ҷони инсонҳои дигарро ба хатар мегузорад, бояд маҳкум карда шавад. Фарқ надорад, ки ин маҳкумият ба чӣ шакле сурат мегирад, ҳатто агар ба ивази ҷони онҳо ҳам бошад. Бинобар ин, аз байн бурдани хатароте, чун ДИИШ, "Ал Қоида", ТТЭ ҲНИ ва гуруҳҳои дигари ҳаммонанд вазифаи ҷонии ҳар яки мост.

Дарвоқеъ, вақте гап сари созмони террористии ДИИШ меравад, наметавонем ин фактро, ки ТТЭ ҲНИ як шохаи асосии ин созмон аст, фаромӯш кунем. Мо таҷрибаи талхи терроризмро дар хуну ҷони худ дидаем. Заҳре, ки ин ташкилоти террористӣ ба бадани миллат зад, то ҳанӯз эҳсос мешавад. Инҳое, ки дар байни мо зиставу ҳамин гуна исён мекунанд, ба муқобили ҳомиёни мо силоҳ мебардоранд, боқимондаҳои ҳамин заҳрпечаканд. Чаро маҳкум нашаванд? Чаро нобуд карда нашаванд, то оромиву суботи мо халалдор набошад? Такрор ҳам шавад, нобуд кардани ҳар касе ки ба муқобили манфиатҳои давлату миллат меравад, амнияту суботро дар як ҷомеаи сулҳпарвар баҳам мезанад ва ҷони инсонҳои дигарро ба хатар мегузорад, ҳадди ақал аз рӯйи адолат аст.

Ҳодисае, ки рӯзи 3 феврал дар Муассисаи ислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Тоҷикистон рӯй дод, ба зоти худ ягона нест. Ин гуна ҳодисаҳо камсобиқа нестанд ва тақрибан ҳар рӯзу ҳафта дар ин ё он кишвари дунё рӯй медиҳанд. Дар гузашта дар Тоҷикистон ҳам рӯй дода буданд. Муҳим ин аст, ки дар чунин ҳолат мардуми озодидӯсти Тоҷикистон дар канори ҳам меистанд, он чиро, ки рӯй додааст, аз дидгоҳи ҳақиқату воқеият мепазиранд.

Бадкоронро маҳкум мекунанду ҳомиёни худро ситоиш. Аммо онҳое, ки дар деги ифрот мечӯшанд, бо хуни ноҳақ рӯйи сиёҳашонро шустанӣ мешаванд. Ин бор ҳам ҳамин хел шуд.

Ҳодиса дар Муассисаи ислоҳии №3/2 гузашт, мисле ки чизе набуд. Дар пайи фаъолияти муассири неруҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳамагӣ ба зудӣ ба ҳолати муқаррарӣ бозгашт. Оромиву субот барқарор аст ва касе ҳам наметавонад онро халалдор кунад, зеро дар сафи аввали ҳимояи сулҳу субот ҳар як ҷоннисору ҳар як қаҳрамоне истодааст, ки омода аст, як ҷон чӣ ки даҳ ҷон агар дошта бошад, фидо кунад.

Аммо таърих гувоҳ аст, ки рӯйи сиёҳи бадхоҳон ҳеч вақт тоза нахоҳад шуд.